«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Директори Институти иқтисодиёт ва
таҳқиқи системавии рушди кишоварзии
Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон
академик Пиризода Ҷ.С.

«10» 02 2026с.

ХУЛОСАИ

Институти иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии рушди кишоварзии Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон

Диссертатсияи Маҳмадуллои Раҳмони Маҳмадалӣ дар мавзуи «Мукаммалгардонии низоми баҳисобгирии идоракунӣ дар корхонаҳои комплекси агросаноатӣ дар шароити ташаккули экосистемаи аграрӣ (дар мисоли корхонаҳои вилояти Хатлон)» барои дарёфти дараҷаи доктори фалсафа PhD аз рӯи ихтисоси 6D050800 – Баҳисобгирӣ ва аудит (6D050801 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит) дар шуъбаи омӯзиши равандҳои кластеркунонӣ дар комплекси агросаноатии Институти иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии рушди кишоварзии Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон иҷро шудааст.

Дар ҷараёни иҷрои диссертатсия Маҳмадуллои Раҳмони Маҳмадалӣ докторанти (PhD) шуъбаи омӯзиши равандҳои кластеркунонӣ дар комплекси агросаноатии Институти иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии рушди кишоварзии Тоҷикистон буда, таҳқиқотҳои илмиро оид ба омӯзиши пурраи мавзуи рисолаи илмӣ соли 2023 оғоз намудааст.

Маҳмадуллои Раҳмони Маҳмадалӣ соли таваллудаш 04.06.1995, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Соли 2013 ба факултаи Иқтисодиёт ва идоракунӣ дар соҳаи маорифи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садридин Айнӣ дохил шуда, соли 2020 Донишгоҳи мазкурро аз рӯи ихтисоси баҳисобгирии бухгалтерӣ, таҳлил ва аудит дар соҳаи маориф дар зинаи бакалаврӣ хатм намудааст.

Соли 2020 ба факултаи баҳисобгирӣ ва иқтисодии Донишгоҳи милии Тоҷикистон ба шуъбаи магистратура дар ихтсоси баҳисобгирии бухгалтерӣ, таҳлил ва аудит дохил шуда, соли 2022 донишгоҳи мазкурро бо гирифтани ихтисоси магистр хатм намудааст.

Номбурда соли 2023 тибқи фармоиши Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон таҳти №77 аз 29.09.2023 ба докторантура PhD аз рӯи ихтисоси 6D050800 – баҳисобгирӣ ва аудити Институти иқтисодиёт ва таҳқиқи ситемавии рушди кишоврзии АИКТ доҳил шуда, соли 2026 хатм хоҳад кард.

Солҳои 2020-2021 дар МДТ Коллеҷи информатика ва техникаи компютерии ш. Душанбе дар вазифаи мудири бахши ташкилӣ-тарбиявӣ ва кор бо ҷавонон, соли 2021 дар МДТ «Коллеҷи информатика ва техникаи компютерии ш. Душанбе» дар вазифаи эдвайзери факултаи баҳисобгирӣ ва иқтисодӣ, солҳои 2021-2023 дар МДТ «Коллеҷи информатика ва техникаи компютерии ш. Душанбе» дар вазифаи декани факултети баҳисобгирӣ ва иқтисодӣ, Солҳои 2023-2024 дар ҳамин муассиса дар вазифаи сардори раёсати таълим фаъолият намудааст.

Соли 2024 дар МДТ «Литсейи касбии хизмат ва туризми ш. Душанбе" дар вазифаи муовини директор оид ба корҳои таълимӣ-тарбиявӣ фаъолият бурдааст.

Аз соли 2024 то ин ҷониб дар МДТ «Коллеҷи муҳандисию омӯзгории ш. Душанбе" дар вазифаи декани факултети технология ва иқтисодиёти рақамӣ фаъолияти менатӣ намуда истодааст.

Маҳмадуллои Р.М. рисолаи илмии худро дар мавзуи "Баҳисобгирии идоракунӣ дар соҳаҳои комплексҳои агросаноатӣ (дар мисоли корхонаҳои вилояти Хатлон)" таҳти роҳбарии н.и.и., Файзуллоева К.Н. бо протоколи Шурои олимон №9 аз 31 октябри соли 2023 тасдиқ намуда буд.

Баъдан тибқи протоколи Шурои олимон №8 аз 27.08.2025 номи мавзуъ ба «Мукаммалгардонии низоми баҳисобгирии идоракунӣ дар корхонаҳои комплекси агросаноатӣ дар шароити ташаккули экосистемаи аграрӣ (дар мисоли корхонаҳои вилояти Хатлон)» иваз карда шуда, роҳбари илмӣ доктор (PhD) Сайфиддинзода С.С. таъйин карда шуд

Роҳбари илмии унвонҷу – доктор (PhD), ходими калони илмии Институти илмӣ-таҳқиқотии сайёҳӣ ва соҳибкории Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон Сайфиддинзода Самариддин Сайфиддин.

Дар рафти маҷлис мутахассисони зерин аз Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, ки дар наздаш шурои диссертатсионӣ таъсис дода шудааст, иштирок намуданд:

1. Сайфиддинзода С.С. – доктор (PhD), котиби Шурои диссертатсионии 6D. КОА – 100 назди Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон;
2. Обидзода Ф.С. – д.и.и., аъзои Шурои диссертатсионии 6D. КОА – 100

назди Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон;
3. Хоҷаев П.Д. – д.и.и., аъзои Шурои диссертатсионии 6D. КОА – 100 назди Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон;
4. Сафозода А.К. - д.и.и., аъзои Шурои диссертатсионии 6D. КОА – 100 назди Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон;

Мутобиқати ихтисос ва номи мавзуъ ба шиносномаи ихтисос ва муҳтавои диссертатсия.

Диссертатсияи Маҳмадуллои Раҳмони Маҳмадалӣ дар мавзуи «Мукаммалгардонии низоми баҳисобгирии идоракунӣ дар корхонаҳои комплекси агросаноатӣ дар шароити ташаккули экосистемаи аграрӣ (дар мисоли корхонаҳои вилояти Хатлон)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD аз рӯи ихтисоси 6D050800 – Баҳисобгирӣ ва аудит (6D050801 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит) мувофиқат мекунад.

Натиҷаҳои аз ҷониби муаллиф дар таҳқиқот бадастовардашуда ба бандҳои шиносномаи ихтисоси зикршуда мутобиқат мекунад. Натиҷаҳои диссертатсия дорои аҳамияти баланди илмию амалӣ буда, ба рушди илмӣ иқтисодӣ саҳм хоҳад гузошт.

Мубрамӣ ва зарурати баргузории таҳқиқот.

Дар даҳсолаҳои охир рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон бештар ба баланд бардоштани самаранокии истифодаи захираҳо ва таҳкими рақобатпазирии бахшҳои воқеии иқтисодиёт вобаста гардидааст. Зарурати баланд бардоштани сифати идоракунии фаъолияти субъектҳои хоҷагидорӣ ба яке аз омилҳои асосии таъмини рушди устувори иқтисодӣ табдил ёфт. Таҷрибаи давлатҳои дорои иқтисоди пешрафта нишон медиҳанд, ки афзоиши ҳаҷми истеҳсолот ва ноил шудан ба натиҷаҳои устувори молиявӣ танҳо аз ҳисоби зиёд намудани захираҳо имконпазир набуда, пеш аз ҳама, аз сатҳи ташкил ва самаранокии низоми идоракунӣ вобастагӣ дорад. Бо таваҷҷуҳ ба ин масъалаи таъмини роҳбарияти корхонаҳо бо иттилооти воқеӣ ва таҳлилшуда аҳамияти махсус пайдо кардааст.

Дар сохтори иқтисоди Ҷумҳурии Тоҷикистон комплекси агросаноатӣ яке аз бахшҳои калидӣ ба ҳисоб меравад. Ин омил боиси он гардидааст, ки рушди комплекси агросаноатӣ, ҳамчун яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати иқтисодии давлат муайян гардида, дар санадҳои стратегии миллӣ ва паёмҳои Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пайваста мавриди таваҷҷуҳ қарор дорад.

Дар баробари ин, вусъати истифодаи технологияҳои рақамӣ бо

таваҷҷуҳ ба густариши муносибатҳои кооператсионӣ ва зарурати баланд бардоштани самаранокии истифодаи захираҳо муносибатҳои нави идоракуниро дар КАС тақозо менамоянд. Дар чунин шароит қабули қарорҳои асоснок бо назардошти истифодаи маълумоти таҳлилшуда, муқоисашаванда ва мутобиқ ба ҳадафҳои стратегӣ ниёз дорад.

Дар амалияи фаъолият қисми зиёди корхонаҳои комплекси агросаноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла вилояти Хатлон, низоми баҳисобгирӣ ҳанӯз бештар ба иҷрои талаботи ҳисоботи молиявӣ ва андозбандӣ равона гардидааст. Дар аксари мавридҳо масъалаҳои вобаста ба баҳисобгирии идоракунӣ, ташкили марказҳои масъулият, буҷеткунонӣ, таҳлили инҳирофҳо, арзёбии самаранокии истифодаи захираҳо ва ташаккули ҳисоботи дохилии идоракунӣ ба таври зарурӣ татбиқ нашудаанд. Ин ҳолат имконияти назорати фаврии хароҷот, баҳодиҳии воқеии натиҷаҳои фаъолияти воҳидҳои сохторӣ ва қабули қарорҳои иқтисодии асоснокро мушкил менамояд.

Маҳз ҳамин омилҳо аҳамияти илмӣ ва амалии таҳқиқоти мазкурро муайян намуда, зарурати таҳияи равишҳои нави такмили низоми баҳисобгирии идоракунӣ дар корхонаҳои комплекси агросаноатиро дар шароити ташаккули экосистемаи аграрӣ асоснок менамоянд.

Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ. Мавзуъ, мақсад, вазифаҳо, мазмун ва натиҷаҳои диссертатсия ба Шиносномаи ихтисоси 6D050800 – Баҳисобгирӣ ва аудит (6D050801 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит) мутобиқат менамоянд. Аз ҷумла, таҳқиқот ба бандҳои 1.3. «Асосҳои методологӣ ва вазифагузориҳои мақсадноки баҳисобгирии муҳосибӣ»; 1.7. «Баҳисобгирии муҳосибӣ (молиявӣ, идоракунӣ, андозӣ, корпоративӣ ва ғайра) дар корхонаҳои шаклҳои ташкилию ҳуқуқияшон гуногун, ҳамаи соҳаҳо ва сатҳҳо»; 1.8. «Вижагии ташаккули ҳисоботи муҳосибӣ (молиявӣ, идоракунӣ, андозӣ, корпоративӣ ва ғайра) дар соҳаҳо, минтақаҳо ва дигар бахшҳои фаъолияти хоҷагидорӣ» мувофиқ мебошад.

Алоқамандии мавзуи диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки рушди илм, техника ва технология дар ҷумҳурӣ. Диссертатсия дар доираи татбиқи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, Барномаи «Рушди низоми агроозуқаворӣ ва кишоварзии устувор барои давраи то соли 2030» ва бо самтҳои афзалиятноки сиёсати иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи рушди комплекси агросаноатӣ, таъмини амнияти озуқаворӣ, рақамикунонии иқтисодиёт баланд бардоштани самаранокии фаъолияти субъектҳои хоҷагидо

таҳия ва робитаи мустақим дорад. Инчунин, диссертатсия мувофиқи нақшаи илмӣ-таҳқиқотии лоиҳаи «Таҳияи механизми иқтисодию иҷтимоии ташаккули инфрасохтори деҳот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025» РҚД 0121TJ1092 ва лоиҳаи «Таҳияи низоми рушди инфрасохтори рақамикунонии кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2026-2030» РҚД № 0126TJ01759 Институти иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии рушди кишоварзии Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон иҷро гардида, робитаи бевосита дорад.

Мақсади таҳқиқот аз таҳияи асосҳои назариявӣ, методӣ ва тавсияҳои амалии мукаммалгардонии низоми баҳисобгирии идоракунӣ дар корхонаҳои комплекси агросаноатӣ дар асоси истифодаи равиши экосистемавӣ бо таваҷҷуҳ ба баланд бардоштани самаранокии фаъолияти субъектҳои хоҷагидорӣ, иборат мебошад.

Вазифаҳои таҳқиқот. Барои ноил шудан ба ҳадафи дар таҳқиқоти диссертатсионӣ гузошташуда баррасӣ ва ҳалли чунин вазифаҳои асосӣ мусоидат намуд:

- таҳқиқи асосҳои назариявии баҳисобгирии идоракунӣ, муайян намудани моҳияти иқтисодӣ ва нақши он дар идоракунии фаъолияти корхонаҳои комплекси агросаноатӣ;

- муайян намудани хусусиятҳои иқтисодӣ, соҳавӣ ва ташкилии фаъолияти корхонаҳои комплекси агросаноатӣ ва арзёбии таъсири онҳо ба ташкили низоми баҳисобгирии идоракунӣ;

- таҳқиқи таҷрибаи хориҷии ташкили баҳисобгирии идоракунӣ дар соҳаи агросаноатӣ ва муайян намудани имкониятҳои истифодаи он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- таҳлили тамоюлҳои рушди комплекси агросаноатӣ ва муҳити ташаккули экосистемаи аграрӣ дар вилояти Хатлон;

- моделсозии таъсири омилҳои баҳисобгирии идоракунӣ ба самаранокии қарорҳои идоракунӣ ва асоснок намудани нишондиҳандаҳои арзёбии он;

- коркард ва пешниҳоди механизми мукаммалгардонии баҳисобгирии идоракунӣ дар асоси марказҳои масъулият ва занҷираи арзиш дар корхонаҳои комплекси агросаноатӣ.

Объекти таҳқиқот фаъолияти баҳисобгирӣ ва идоракунии корхонаҳои комплекси агросаноатии вилояти Хатлон мебошад, ки дар шароити ташаккули экосистемаи аграрӣ фаъолият намуда, барои ташкили низоми самараноки таъминоти иттилоотии идоракунӣ, назорати истифодаи захираҳо ва қабули қарорҳои идоракунӣ замина фароҳам

меоранд.

Мавзуи таҳқиқот муносибатҳои иқтисодӣ, ташкилӣ ва иттилоотие мебошанд, ки дар раванди ташаккул, амалисозӣ ва мукаммалгардонии низоми баҳисобгирии идоракунӣ дар корхонаҳои комплекси агросаноатӣ ба вуҷуд меоянд.

Фарзияи таҳқиқот ба он асос меёбад, ки дақиқ намоии асосҳои назариявӣ ва амалиии низоми баҳисобгирии идоракунӣ дар корхонаҳои комплекси агросаноатӣ дар асоси истифодаи равиши экосистемавӣ бо таваҷҷуҳ ба баланд бардоштани самаранокии фаъолияти субъектҳои хоҷагидорӣ имконият дода, равиши муосир коркард шуда, талаботи роҳбарони субъектҳои хоҷагидориро бо иттилооти баҳисобгирӣ қонеъ мегардонад.

Асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқотро асарҳои олимони хориҷӣ ва ватанӣ оид ба назарияи баҳисобгирии муҳосибӣ ва баҳисобгирии идоракунӣ, назарияи экосистемаҳои аграрӣ, идоракунии рақамӣ ва ташкили низомҳои иттилоотии идоракунӣ ташкил медиҳанд. Ҳангоми таҳияи диссертатсия инчунин санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, стратегияҳо ва барномаҳои давлатии рушди иқтисоди миллӣ, санадҳои байналмилалии танзимкунандаи баҳисобгирӣ ва аудит, инчунин маводи ташкилотҳои байналмилалӣ истифода гардидаанд.

Асосҳои методологии таҳқиқоти диссертатсиониро ба истифодаи равишҳои системавӣ, комплексӣ, институтсионалӣ ва экосистемавӣ такя намуда, имконият медиҳад фаъолияти корхонаҳои комплекси агросаноатӣ, ҳамчун низоми ягонаи иқтисодӣ ва иттилоотӣ мавриди омӯзиш қарор дода шавад. Дар ҷараёни таҳқиқ усулҳои таҳлилу таркиб, муқоиса, гурӯҳбандӣ, мушоҳида, ҷамъбаст, таҳлили оморӣ, таҳлили иқтисодӣ, моделсозии иқтисодию риёзӣ, графикӣ ва усулҳои баҳодиҳии самаранокии қарорҳои идоракунӣ истифода шудаанд.

Сарчашмаи таҳқиқотро санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, стратегияҳо ва барномаҳои давлатии рушди иқтисодӣ ва кишоварзӣ, маълумоти омории Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Сарраёсати Агентии омор дар вилояти Хатлон, Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳисоботи муҳосибӣ ва омории корхонаҳои комплекси агросаноатии вилояти Хатлон, инчунин маводи нашршудаи ташкилотҳои байналмилалӣ, натиҷаҳои таҳқиқоти илмии олимони хориҷӣ ва ватанӣ, мақолаҳои илмӣ, монографияҳо, маводи конференсияҳои илмӣ ва манбаъҳои дигари иттилоотӣ ташкил медиҳанд.

Дар ҷараёни таҳқиқ аз маълумоти ҳисоботии як қатор корхонаҳои комплекси агросаноатии вилояти Хатлон истифода гардида, натиҷаҳои таҳлил, хулосаҳо ва пешниҳодҳои илмӣ дар асоси коркарди маълумоти воқеии фаъолияти онҳо таҳия шудаанд. Ҳангоми таҳияи диссертатсия аз мушоҳидаҳои бевоситаи муаллиф, натиҷаҳои таҳлилҳои муқоисавӣ ва ҳисобҳои иқтисодӣ низ истифода шудааст.

Пойгоҳи таҳқиқоти диссертатсионӣ дар назди Институти иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии рушди кишоварзии Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2023-2026 анҷом дода шудааст.

Навгонии илмии таҳқиқотии диссертатсионӣ аз асоснок намудани муқаррароти назариявӣ ва методии мукаммалгардонии низоми баҳисобгирии идоракунӣ дар корхонаҳои комплекси агросаноатӣ дар асоси истифодаи равиши экосистемавӣ бо таваҷҷуҳ ба коркарди тавсияҳои амалӣ ҷиҳати баланд бардоштани самаранокии фаъолияти субъектҳои хоҷагидорӣ, иборат мебошад. Унусурҳои асосии навгонии илмӣ, ки хусусияти махсусан муҳим доранд, аз инҳо иборатанд:

- равиши назариявию методии ташкили баҳисобгирии идоракунӣ дар корхонаҳои комплекси агросаноатӣ дар шароити ташаккули экосистемаи аграрӣ такмил дода шудааст, ки фарқияти он дар ба ҳам пайвастани хусусиятҳои соҳавӣ, омилҳои ташкилӣ, иқтисодӣ, институтсионалӣ ва рақамӣ бо принсипҳои ташкили баҳисобгирии идоракунӣ ифода меёбад.

- модели интегралии иқтисодӣ-риёзии баҳодиҳии самаранокии қарорҳои идоракунӣ таҳия шудааст, ки фарқияти он дар арзёбии ҳамзамони омилҳои дохилии баҳисобгирии идоракунӣ — рақамикунонӣ, буҷетгузорӣ, марказҳои масъулият, мониторинги хароҷот ва ҳисоботи идоракунӣ — бо омилҳои экосистемавӣ, аз ҷумла ҳамгироии иштирокчиёни занҷираи арзиш, суръати мубодилаи иттилоот ва устувории занҷираи арзиш мебошад.

- механизми ташкили баҳисобгирии идоракунӣ дар асоси ҳамгироии марказҳои масъулият ва занҷираи арзиш пешниҳод шудааст, ки фарқияти он дар фарогирии тамоми раванди ташаккули арзиш — аз таъминоти захираҳо ва истеҳсолот то коркард ва фурӯши маҳсулоти тайёр — ва пайвастани масъулият, хароҷот, натиҷа ва иттилооти идоракунӣ дар муҳити ягонаи экосистемаи аграрӣ мебошад.

- модели рақамии баҳисобгирии идоракунӣ ва харитаи роҳи татбиқи марҳилавии он таҳия шудааст, ки фарқияти он дар ҳамгиро намудани маълумоти муҳосибӣ, истеҳсолӣ, анборӣ, буҷетӣ ва идоракунӣ дар муҳити

ягонаи иттилоотӣ ва таъмин намудани мубодилаи маълумот байни корхона ва дигар иштирокчиёни экосистемаи аграрӣ ифода меёбад.

Нуқтаҳои асосии барои ҳимоя пешниҳодшудаи таҳқиқот:

1. Асоснок карда шудааст, ки ташкили баҳисобгирии идоракунӣ дар корхонаҳои комплекси агросаноатӣ бояд бо дарназардошти хусусиятҳои соҳавӣ, ташкилӣ, иқтисодӣ, иттилоотӣ ва рақамии экосистемаи аграрӣ амалӣ гардида, ҳамчун низоми таъминоти иттилоотию таҳлилии қабули қарорҳои идоракунӣ ташаккул дода шавад.
2. Дар асоси арзёбии фаъолияти корхонаҳои комплекси агросаноатии вилояти Хатлон мушкилоти асосии низоми амалкунандаи баҳисобгирии идоракунӣ муайян гардида, зарурати такмили баҳисобгирии хароҷот, буҷетгузорӣ, марказҳои масъулият ва ҳисоботи дохилии идоракунӣ асоснок карда шудааст.
3. Модели иқтисодию риёзии баҳодиҳии самаранокии қарорҳои идоракунӣ таҳия гардидааст, ки таъсири маҷмӯии омилҳои дохилии баҳисобгирии идоракунӣ ва омилҳои экосистемавиро ба назар гирифта, имкони моделсозии сенарияҳои гуногуни фаъолияти корхонаро фароҳам меорад.
4. Механизми мукаммалгардонии баҳисобгирии идоракунӣ дар асоси ҳамгироии марказҳои масъулият, занҷираи арзиш ва технологияҳои рақамӣ пешниҳод гардида, харитаи роҳи марҳилавии татбиқи он дар корхонаҳои комплекси агросаноатии вилояти Хатлон таҳия карда шудааст.

Аҳамияти назариявии тадқиқот дар он ифода меёбад, ки натиҷаҳои бадастомада тасаввуроти илмиро оид ба ташкили баҳисобгирии идоракунӣ дар корхонаҳои комплекси агросаноатӣ дар шароити ташаккули экосистемаи аграрӣ такмил дода, асосҳои назариявӣ ва методии истифодаи равиши экосистемавӣ, марказҳои масъулият, занҷираи арзиш ва технологияҳои рақамиро дар ташкили низоми таъминоти иттилоотии идоракунӣ инкишоф медиҳанд. Хулосаҳо ва тавсияҳои пешниҳодшуда метавонанд барои рушди минбаъдаи таҳқиқоти илмӣ дар соҳаи баҳисобгирии муҳосибӣ ва баҳисобгирии идоракунӣ заминаи назариявӣ фароҳам оваранд.

Аҳамияти амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар он зоҳир мегардад, ки тавсияҳо ва пешниҳодҳои таҳияшуда метавонанд ҳангоми такмили низоми баҳисобгирии идоракунӣ дар корхонаҳои комплекси агросаноатӣ, ташкили марказҳои масъулият, ҷорӣ намудани ҳисоботи дохилии идоракунӣ, истифодаи воситаҳои рақамикунонӣ ва баланд бардоштани

самаранокии идоракунии хароҷот истифода шаванд. Натиҷаҳои таҳқиқот барои роҳбарону мутахассисони корхонаҳои комплекси агросаноатӣ, мақомоти идоракунии давлатӣ, инчунин муассисаҳои илмӣ ва таҳсилоти олии касбӣ ҳангоми таҳияи барномаҳои таълимӣ, дастурҳои методӣ ва курсҳои тахассусии соҳаи баҳисобгирӣ ва аудит аҳамияти амалӣ доранд.

Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқотро бо истифодаи равишҳои муосири илмии таҳқиқот, такя ба дастовардҳои назарияи иқтисодӣ, баҳисобгирии муҳосибӣ ва баҳисобгирии идоракунӣ, истифодаи маҷмӯи усулҳои таҳлили иқтисодӣ, оморӣ ва иқтисодию риёзӣ, инчунин мутобиқати хулосаҳо ба ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқот таъмин гардидааст. Хулосаҳо ва пешниҳодҳои илмии диссертатсия дар асоси таҳлили санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, омӯзиши корҳои илмии олимони хориҷӣ ва ватанӣ, маълумоти расмии мақомоти давлатӣ, ҳисоботи молиявӣ ва иттилооти воқеии фаъолияти як қатор корхонаҳои комплекси агросаноатии вилояти Хатлон таҳия шудаанд.

Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот инчунин тавассути муҳокимаи онҳо дар конференсияҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалии илмӣ-амалӣ, нашри мақолаҳои илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва татбиқи тавсияҳои пешниҳодшуда дар фаъолияти баъзе корхонаҳои комплекси агросаноатӣ тасдиқ карда шудааст.

Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот. Дар тамоми марҳилаҳои иҷрои нақшаи кори илмӣ-таҳқиқотӣ, аз ҷумла, интихоби мавзуъ, асосноккунии мубрамияти он, муайян намудани ҳадаф ва вазифаҳо, масъалагузорӣ ва иҷрои вазифаҳо бо иштироки бевоситаи муаллиф анҷом дода шудааст.

Муаллиф дар коркарди пешниҳодҳои такмилдиҳии ташкили баҳисобгирии идоракунӣ дар корхонаҳои комплекси агросаноатӣ дар шароити ташаккули экосистемаи аграрӣ ва тавсияҳои амалии оид ба рушди ташкили марказҳои масъулият, ҷорӣ намудани ҳисоботи дохилии идоракунӣ, истифодаи воситаҳои рақамикунонӣ ва баланд бардоштани самаранокии идоракунии хароҷот омӯхта, роҳҳо ва воситаҳои пешниҳоди онҳоро мукаммал гардонида, натиҷаҳои таҳқиқро дар шакли мақолаҳои илмӣ ба табъ расонидааст.

Мавҷудияти санадҳои тасдиққунандаи татбиқи натиҷаҳои илмӣ. Бархе аз муқаррароти амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар фаъолияти Сарраёсати кишоварзии вилояти Хатлон ҷиҳати пешниҳоди амалии ба роҳ мондани такмилдиҳии методикаи баҳисобгирии идоракунӣ аз руйи марказҳои масъулият, таснифкунонии хароҷоти субъектҳои кишоварзӣ

вобаста ба он роҳандозӣ намудани ҳисоби вақеии арзиши аслии маҳсулот, харочоти музди меҳнат ва истифодаи сарфакоронаву самараноки захираҳои меҳнатӣ, моддию молиявӣ дар корхонаҳои кишоварзии вилоят татбиқ гардидааст, Санади оид ба татбиқи амалӣ №1 аз 13.02.2026, инчунин вобаста ба амали намудани асосҳои назариявӣ дар Коллеҷи информатика ва техникаи компютерии шаҳри Душанбе ҳангоми тадриси фаннҳои «Асосҳои аудит», «Аудит ва тафтишот», «Банақшагирӣ дар корхонаҳо», «Баҳисобгирӣ ва гузориш», «Баҳисобгирии муҳосибӣ», «Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит», «Баҳисобгирии фаъолияти хоҷагиҳо», «Иқтисоди рақамӣ» ва «Таҳлили фаъолияти хоҷагидорӣ истифода шуда истодаанд санад оид ба татбиқи натиҷаҳои илмию амалии диссертатсия №40 аз 18.02.2026 ва дар МДТ Коллеҷи махсусгардонидашудаи шаҳри Бохтар ҳангоми пешниҳоди методологияи баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит мукаммалгардида, ҳамчун заминаи назариявӣ ба хоҷагиҳои кишоварзӣ пешниҳод ва истифода гардидааст Санад оид ба татбиқи натиҷаҳои илмӣ №4 аз 28.01.2026 (санадҳо ба хулоса замима карда мешаванд).

Натиҷаҳои асосии тадқиқоти диссертатсионӣ дар 8 мақолаи илмии муаллиф, аз ҷумла 3 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳо ва нашрияҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба мавзуи рисолаи диссертатсионӣ дар ҳаҷми умумии 2,56 ҷ.ч. муаллифӣ, баён гардидаанд, ки ба пурргӣ ба мазмуну муҳтавои диссертатсия мувофиқат менамоянд.

Интишорот довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ аз рӯйи мавзуи диссертатсия:

а) дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон:

[1-М]. Маҳмадуллои Р.М. Ҷанбаҳои экологии баҳисобгирии муҳосибӣ дар комплекси агросаноатӣ [Матн] / Маҳмадуллои Р.М. // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. Душанбе – 2026, №1 (61). С. 88-96. [0,56 ҷ.ч. муаллиф];

[2-М]. Маҳмадуллои Р.М. Механизмҳои иқтисодии истифодаи самараноки захираҳои замин дар хоҷагии қишлоқи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мисоли вилояти Хатлон [Матн] / Маҳмадуллои Р.М. // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав (Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ). Бохтар -2025, №1-3 (137). С.144-152. [0,56 ҷ.ч. муаллиф];

[3-М]. Маҳмадуллои Р.М., Маҳмадизода Ф. Б. Таҳлили вазъияти кунунӣ ва тамоюлҳои рушди комплекси агросаноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Маҳмадуллои Р.М., Ф. Б. Маҳмадизода // Паёми Донишгоҳи

миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. Душанбе – 2025, № 11. С. 13-26. [0,43 ҷ.ч. муаллиф];

б) дар дигар нашрияҳо:

[4-М]. Маҳмадуллои Р.М. Сиёсати баҳисобгирӣ, ҳамчун асоси танзимкунии меъёрии баҳисобгирии муҳосибӣ [Матн] / Маҳмадуллои Р.М.// Маводи конференсияи илмӣ - амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «Проблемаҳои тағйирёбии иқлим ва таъсири онҳо ба муҳити зист: имкониятҳо ва роҳҳои ҳал» (ш. Душанбе, 28 ноябри соли 2025). С. 148-152. [0,31 ҷ.ч. муаллиф];

[5-М]. Махмадуллои Р.М., Ҳайдаров Ф.С., Асоев А.Х. Омилҳои таъсиррасон ба самаранок истифодабарии заминҳои кишварзӣ [Матн] / Махмадуллои Р.М., Ф.С. Ҳайдаров, А.Х. Асоев // Маводи конференсияи илмӣ - илмии ҷумҳуриявӣ «Нақши олмиони ҷавон дар рушди илм, инноватсия ва технологияи кишоварзӣ», Бахшида ба солҳои 2020-2040 «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф», ва даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор» 2018-2028. Душанбе - 2024. С. 280-282. [0,06 ҷ.ч. муаллиф];

[6-М]. Маҳмадуллои Р.М., Иброҳимов Т.Н. Роҳҳои паст намудани арзиши аслии маҳсулоти боғдорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Маҳмадуллои Р.М., Т.Н. Иброҳимов // Омилҳои таъсиррасон ба самаранок истифодабарии заминҳои кишварзӣ, Маводи конференсияи илмӣ - илмии ҷумҳуриявӣ «Саҳми олмиони ҷавон дар рушди илми кишоварзӣ ва татбиқи технологияи инноватсионӣ дар истеҳсолот», бахшида ба амалигардонии «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф», Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон ва эълон шудани соли 2025 «Соли рушди илми кишоварзӣ ва технологияи инноватсионӣ» Душанбе-2025. С. 353-355. [0,09ҷ.ч. муаллиф];

[7-М]. Махмадуллои Р.М., Юсуфзода Ҳ.Ф., Иброҳимов Т.Н. Государственное регулирование рынка, как механизм повышения экономической эффективности производства в сельском хозяйстве [Матн] / Махмадуллои Р.М., Ҳ.Ф. Юсуфзода, Т.Н. Иброҳимов // Институти иқтисодиёт ва таҳқиқи ситемавии рушди кишоварзии АИКТ маводи конференсияи илмию амалӣ дар мавзуи “Арзёбии бозори маҳсулоти боғу токпарварӣ ва дурнамои инкишофи он дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон”. Душанбе – 2021. “Эр-граф”. С. 174-179 [0,12 ҷ.ч. муаллиф];

[8-М]. Маҳмадуллои Р.М. Мафҳум, моҳият ва нақши ҳособкунӣ дар

нишондиҳандаҳои иттилоотии иқтисодӣ [Матн] / Маҳмадуллои Р.М. // Маводи конференсияи илмию амалӣ дар мавзуи "Арзёбии бозори маҳсулоти боғу токпарварӣ ва дурнамои инкишофи он дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон" Институти иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии рушди кишоварзии АИКТ. Душанбе - 2021 "Эр-граф". С. 53-59 [0,43 ҷ.ч. муаллиф];

Пас аз баромади Маҳмадуллои Раҳмони Маҳмадалӣ дар мавзуи «Мукаммалгардонии низоми баҳисобгирии идоракунӣ дар корхонаҳои комплекси агросаноатӣ дар шароити ташаккули экосистемаи аграрӣ (дар мисоли корхонаҳои вилояти Хатлон)», муқарризони холис Пиризода Ҷ.С. доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, академики АИКТ, Ахмедов Д.Ҳ. номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, Кабирзода Н.Ш. номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, хулосаи роҳбари илмӣ доктор (PhD) Сайфиддинзода С.С., баромадкунандагон номзади илмҳои иқтисодӣ Шоазизова М.Д. ва номзади илмҳои иқтисодӣ Қурбонмуродова О.М. ҷаласаи васеъи шуъбаҳо,

ҚАРОР ҚАБУЛ КАРД:

1. Диссертатсияи докторанти Институт Маҳмадуллои Раҳмони Маҳмадалӣ дар мавзуи «Мукаммалгардонии низоми баҳисобгирии идоракунӣ дар корхонаҳои комплекси агросаноатӣ дар шароити ташаккули экосистемаи аграрӣ (дар мисоли корхонаҳои вилояти Хатлон)» барои дарёфти дараҷаи доктори фалсафа PhD аз рӯи ихтисоси 6D050800 – Баҳисобгирӣ ва аудит (6D050801 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит) ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба диссертатсияҳои доктор PhD аз рӯи ихтисос ҷавобгӯ буда, теъдод ва интишороти натиҷаҳои илмӣ ба муҳтавои диссертатсия мутобиқат менамояд.

2. Диссертатсияи докторанти Институт Маҳмадуллои Раҳмони Маҳмадалӣ дар мавзуи «Мукаммалгардонии низоми баҳисобгирии идоракунӣ дар корхонаҳои комплекси агросаноатӣ дар шароити ташаккули экосистемаи аграрӣ (дар мисоли корхонаҳои вилояти Хатлон)» барои дарёфти дараҷаи доктори фалсафа PhD аз рӯи ихтисоси 6D050800 – Баҳисобгирӣ ва аудит (6D050801 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит) бо дарназардошти бартараф намудани баъзе камбудиҳои ошкоргардида ба шурои диссертатсионии 6D.КОА-100 назди Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон барои ҳимояи расмӣ тавсия дода мешавад.

Қарор дар ҷаласаи васеъи шуъбаҳои Институти иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии рушди кишоварзии Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон аз «20» феврали соли 2026, №1/1 қабул гардидааст.

Дар ҷаласа иштирок доштанд: 31 нафар. Бе ҳуқуқи овоздиҳӣ - 6 нафар. Натиҷаҳои овоздиҳии кушод: Тарафдор 25- нафар, Зид - нест, Бетараф - нест. Якдилона қабул гардид.

Раисикунанда, д.и.и., профессор,
академики АИКТ директори Институти
иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии
рушди кишоварзии АИКТ Пиризода Ҷ.С

Котиби ҷаласа, котиби илмии
Институти иқтисодиёт ва таҳқиқи
системавии рушди кишоварзии АИКТ Файзов Н.Б.

Имзоҳои Пиризода Ҷ.С. ва Файзов Н.Б.-ро
тдсдиқ мекунам: Нозири шуъбаи кадрҳои
Институти иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии
рушди кишоварзиии АИКТ Икромова М.Қ.

ШУЪБАИ КАДРҲО
ОТДЕЛ КАДРОВ